## ТАҚРИЗ

ба кори диссертатсионии Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич **дар мавзуи «Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 - Сохтмони гидротехникӣ) пешниҳод шудааст.

**Муҳимияти мавзӯи диссертатсионӣ:**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон обёрӣ ва азхудкунии заминҳои бекорхобида яке аз самтҳои ояндадори рушди иқтисоди миллӣ буд ва мемонад. Бинобар ин самт ҳамчун муайянкунандаи асосии рушди хоҷагии қишлоқ дар муддати зиёда аз 70 сол ба ҳисоб мерафт ва дар давраи ҳозира низ имкониятҳои ҷумҳурӣ пурра истифода нашудааст. Роҳбарияти вақти ҷумҳурӣ ба сохтмони ирригатсионӣ ва мелиоративӣ аҳамияти аввалиндараҷа медод ва ҳамчун масъалаи умумидавлатӣ ҳисоб мекард. Бо ҳамин хотир, дар зинаҳои гуногуни сохтмони сотсиализм ва давраи баъди бесарусомонӣ дар ҷумҳурӣ барномаи васеи ирригатсионӣ, сохтмони гидротехникӣ ва азхудкунии заминҳои нав амалӣ карда шуд. Дар натиҷаи ин таҷрибаи калони таърихӣ андӯхта шуд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми сохтмони иншоотҳои муҳандисӣ омили зилзилатобоварии ба инобат гирифтан лозим меояд, чунки ҷумҳурии мо дар минтақаи фаъоли зилзила қарор дорад. Ин омил барои лоиҳакашон ва сохтмончиён талаботҳоеро пеш меорад, ки ҳангоми ҳисобкуниҳо шартҳои комплексии иловагиро вобаста ба лоиҳакашии иншоотҳои нақлиётии зеризаминӣ ба инобат гиранд. Аз ин ҳолат воқеаҳои охири заминҷумбиҳои фалокатоваре, ки дар Туркия, Сирия, Хитой, Гретсия, Мексика, Италия, Индонезия, Эрон, Афғонистон ва як қатор давлатҳои Осиё ва дигар минтақаҳо шаҳодат медиҳанд.

Ҳамин тавр, қайдҳои дар боло зикршуда зарурати гузаронидани таҷрибаҳои навро ба миён меорад, ки барои такмил додани меъёрҳои сохтмонии иншоотҳои гидротехникӣ ва обгузаронӣ дар минтақаҳои хавфноки сейсмикӣ, инчунин таъмини эътимоднокӣ ҳангоми истифодабарии онҳо вазифаи хеле таъхирнопазир ба шумор меравад.

**Мақсади кори диссертатсионӣ** – омӯзиши таъсири қувваҳои зилзилавӣ (омилҳои муҳандисӣ - геологӣ), инчунин ҳолати техникӣ –

коршоямӣ ва зилзилатобоварии иншооти нақби гидротехникии Данғара мебошад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Дар кори диссертатсионӣ натиҷаҳои зерини таҳқиқоти илмии ба дастовардашуда, ворид карда шуданд:

1. Омилҳои геологӣ (литологияҳои гуногун ва тавсифоти массиви ҷинсҳои кӯҳӣ), ки ба хосиятҳои мустаҳкамии ҷинсҳои массиви кӯҳӣ дар ҳудуди нақби гидротехникии Данғара таъсир мерасонанд.

2. Амсиласозии рақамии ҳолати шиддатнокӣ – шаклдигаркунӣ нақби обгузарон дар мисоли D-1 НОБ – и Роғун ва коркарди пешниҳодҳо оиди зиёдкунии ғафсии тахтасанги зери нақб ва армиронии асоси тахтасанг то ғафсии 5 м.

3. Коркарди конструксияи зилзилатобовари намуди аркагии қубурҳои обгузарон.

4. Пешниҳодҳо оиди интихоби намуди махкамкунӣ дар асоси мушоҳидаҳо ва таҳқиқотҳои пешсанҷидашуда, бо назардошти элементҳои асосии онҳо, барои қитъаҳои гуногуни нақби гидротехникӣ бо ҳисоби фарқияти аслии геометрӣ ва литологӣ.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия:**

1. Натиҷаҳои таҳлили омилҳои геологӣ, ба монанди фарқияти литологӣ ва тавсифоти массиви ҷинсҳои кӯҳӣ, ки ба хосиятҳои мустаҳкамии муҳити массивӣ ҷинсҳои кӯҳие, ки дар ҳудуди нақби гидротехникии Данғара таъсири худро мерасонанд.

2. Коркарди тавсияҳо оиди захираи бузургӣ мустаҳкамӣ ҳангоми ҳолати мунтазамии иншоотҳои обгузарон ва камбинатсияҳои намунавии қувваҳо, ҳамчун қисми нақби обпарто дар асоси амсиласозии рақамии математикӣ дар мисоли D-1 НОБ – и Роғун ва инчунин коркарди тавсияҳо барои зиёд намудани ғафсии тахтасанги зери нақб ва армиронии то 5м.

3. Тавсияҳо оиди интихоби зиёдкунии ғафсии тахтасанги зери нақб ва армиронии нақби обгузарон то 5м дар мисоли D-1 НБО-и Роғун бо дарназардошти геометрияи воқеъӣ нақб ва фарқияти литологӣ.

**Мутобиқат ба шиносномаи ихтисос**. Диссертатсия ба бандҳои 2 ва 3-уми шиносномаи илмии ихтисосҳои 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07. – Сохтмони гидротехникӣ) мутобиқат мекунад:

Натиҷаҳои асоси таҳқиқот аз рӯи мавзуи диссертатсия дар 23 мақола, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои пешрави тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот шаҳодатномаи муаллифи як патенти хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами № TJ 1417 гирифта шуд.

**Камбудиҳои мазмун ва тартиби диссертасия.**

1. Дар кори диссертатсионӣ ва автореферат хатогиҳои имлоӣ мушоҳида мешаванд.
2. Муаллиф дар кори диссертатсионӣ дар бораи сохтори истифодабарии иншоотҳои гидротехниии давлатҳои Аврупо мисолҳо овардааст, вале аз адабиётҳои техникии онҳо кам истифода намудааст.

**Мутобиқати рисола ба талаботи фасли 10 «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ».**

Камбудиҳои ошкоргардида ба ҳолати воқеии кори диссертатсиони ва ба баланд будани дараҷаи илмӣ – таҳқиқотӣ таъсир намерасонад.

Ҳамин тавр, ҳамаи гуфтаҳои боло ба мо имкон медиҳанд хулосабарорем кори рисолаи номзадии Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич дар мавзӯи «**Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара**» кори анҷомёфтаи илмию таҳқиқотӣ дар мавзӯи актуалӣ буда, ба мавзӯи муқарраршуда ҷавобгӯ мебошад. Талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба корҳои монанд аз рӯи ихтисосҳои 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07. – Сохтмони гидротехникӣ) ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисосҳои дар боло зикршуда мебошад.

Муқарриз, доктори илмҳои техникӣ, дотсенти
ДДБ ба номи Носири Хусрав Саидзода Ҷ.Ҳ.

Имзои Саидзода Ҷ.Ҳ.-ро
тасдиқ мекунам
Сардори ШК ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

аз “15” 01 соли 2025